ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100–1.29
202/ йил “27” август

“ТАСДИҚЛАЙМАН”
Р.И.Халмурадов
________________
202__ йил “___” _______

# УСЛУБШУНОСЛИК ВА ТАҲРИР
## фанидан
# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

| **Фан/Коди модул UVTM3003 (бакалавриат/ магистратура)** | **Соли хониши 2021-2022** | **Семестри 8** | **ECTS-Кредитҳо 2** |
|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Маҷбурӣ** | **Забони таълим** Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ | | **Соатҳои дарси ҳафтаина 3** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Номи фан** | **Машғулотҳои аудиторӣ (соат)** | **Таълими мустақил (соат)** | **Ҷамъи сарборӣ (соат)** |
| | **«УСЛУБШИНОСӢ ва таҳрир»** | 45 | 15 | 60 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсад аз омӯзиши фанни «У**слубшиносӣ ва таҳрир»** ба дараҷаи баланд бардоштани услуби нигориш ва баёни нутқи тамоми соҳаҳои фаъолият, такмил додан ва ба шакл даровардани таълими дараҷаҳои профессионалии ҷараёни таълим, аз услубҳои нигориш истифода намуда, ба таври мувофиқ фаҳмонида додани муаммоҳои асосии забоншиносии тоҷик. Омӯхтани услуб ва таҳрири нигориш дар забондонии донишҷӯён яке аз муаммоҳои муҳимми мактабҳои олӣ (хусусан филологҳо) ба шумор рафта, дониши забондонии талабагон тавсия ёфта маданияти сухандонии онҳо рӯз аз рӯз рушду такомул меёбад. Бинобар ин дар факултетҳои филологӣ фанни асосҳои услубшиносӣ ва таҳрир яке аз фанҳои муҳим ба шумор меравад.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Фанни услубшиносӣ, вазифа ва муаммоҳои асосии он.**

Мавзӯи баҳси услубшиносӣ. Услубшиносӣ ва моҳияти худи услуб. Сабабҳои асосии ташаккули услубшиносӣ. Масъалаҳои услуб дар забоншиносии форсу тоҷик. Таърифҳои гуногуни услубшиносӣ дар илми забон, соҳаҳои умумӣ ва иҷтимоии муошират, ҷанбаи меъёрӣ ва амалӣ дар услубшиносӣ. Услубшиносӣ яке аз шӯъбаҳои илми забоншиносӣ. Услубшиносии лингвистӣ чун шӯъбаи алоҳидаи забоншиносӣ. Китобҳои дарсии аввалин. Чун фанни алоҳида омхта шудани услубшиносӣ дар забоншиносии тоҷик.

Забон ва услуб. Ду ҷиҳати забон. Забон чун воситаи ифода. Забон чун воситаи алоқа. Забон чун воситаи табиат. Грамматикаи забон ва нутқ. Муаммоҳои асосӣ ва услуби тадқиқи онҳо. Маводҳои омӯзиши забон. Услуб ва масъалаҳои беҳтар ифода намудани фикр. Интихоби воситаҳои забон вобаста ба шароит ва муҳит. Мураккабии ситемаи услуби забон.

**Мавзӯи 2. Меъёри услубӣ. Муаммоҳои забонӣ(лингвистӣ) ва нозабонии (экстролингвистӣ) услуб**

Шарҳи мафҳуми «меъёр». Алоқаи муаммои меъёр бо фанҳои маданияти

нутқ ва услубшиносӣ, таърифи меъёри адабӣ. Алоқамандии меъёр бо ҳаракати забон, меъёри услубӣ, услубиёти феъли мутаҳаррикии меъёр. Ба ҳам наздик будани фанни маданияти сухан ва услубшиносӣ, фарқи онҳо. Ду зинаи маданияти нутқ: а) дурустии нутқ: б) фасоҳати нутқ.

Захираҳои услубии забони тоҷикӣ дар соҳаи лексика, морфология ва синтаксис. Воситаҳои образнокӣ ва лафзӣ чун захираи услубии нутқ.

**Мавзӯи 3. Воситаҳои синонимии забон чун захираи услубӣ**

Муродифот мавзҳи асосии услубшиносисӣ, баҳсҳо дар атрофи муродифот, муродифҳои маъноӣ (идеографӣ), муродифоти услубӣ, муродифот ва меъёри адабиёт, калимаҳои адабии китобӣ, калимаҳои халқии гуфтугӯӣ, умумхалқӣ, муродифот ва асари бадеӣ, ҷуфтҳои муродифот, ҷуфтҳои тоҷикӣ ба тоҷикӣ, ҷуфтҳои тоҷикӣ ба арабӣ, ҷуфтҳои тоҷикӣ ба ӯзбекӣ, ҷуфтҳои тоҷикӣ ба русӣ, зарурати интихоб аз ҷуфтҳои муродиф.

**Мавзӯи 4. Шохаҳои услубии забони адабии тоҷик. Услуби бадеӣ**

Забони адабии тоҷик ва шохаҳои услубии он. Услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ. Ташкили услубҳои нутқ ва омилҳои ғайризабонӣ. Муҳити муошират; мақсади муошират; мухотаби нутқ.

Забони адабӣ ва забони адабиёти бадеӣ. Услуби бадеӣ ҳамчун навъи махсуси забони адабии функсионалӣ. Вазифаи асосии услуби бадеӣ. Инъикоси образноки воқеият ҳамчун заминаи мӯътамади услуби бадеӣ. Меъёрҳои забони адабӣ ва мушкилоти меъёрҳо дар забони адабиёти бадеӣ. Муносибати забони адабиёти бадеӣ бо услубҳои функсионалии забони адабии муосири тоҷик. Анвои услубҳои бадеӣ: услуби насри бадеӣ, услуби драмматургия, услуби назм.

**Мавзӯи 5. Услуби илмӣ ва расмиву коргузорӣ**

Услуби илмӣ ҳамчун навъи ҷудогонаи функсионалии забони адабии тоҷик, ки дар соҳаҳои илм, фан ва истеҳсолот ба кор бурда мешавад. Махсусияти услуби илмӣ дар дақиқ будани интиқоли ахбор, мантиқӣ будан, умумиятдиҳиҳои муаллиф, якмаъногӣ ва дар ихчамии ифодаҳои он, ки мазмунро пурра нигоҳ доштаанд, ифодаи худро ёфтааст. Ба тариқи васеъ истифода шудани истилоҳоти соҳавӣ дар услуби илмӣ. Ба хосиятҳои махсуси сарфиву наҳвӣ соҳиб будани он. Истифодаи бештари ҷумлаҳои мураккаб ва ҷумлаҳои сертаркиби тафсилӣ дар он. Анвои услуби илмӣ: услуби илмии академӣ, услуби илмии таълимӣ, услуби илмии оммавӣ.

Услуби расмиву коргузорӣ ҳамчун навъи махсуси функсионалии забони адабии тоҷик, ки муносибатҳои кории байни одамон, идораҳо, мамлакатҳо, байни шаҳрвандону давлатро ба низом медарорад. Махсусиятҳои услуби идориву коргузорӣ дар мантиқи маводи ба тариқи муназзам тасвиршаванда; ифодаҳои дақиқ ва ба ҳамин навъи нигориш мансуб. Дар услуби идориву коргузорӣ истифода шудани қабати махсуси луғат ва таъбирот, истилоҳот, номҳои таъинот, ихтисорот ва қолабҳои идорӣ. Истифодаи зиёди ибораҳои масдарӣ, тарзи мафъулии ифода, ҷумлаҳои мураккаб дар ин услуб. Анвои

| | |
|---|---|
| | услуби идориву коргузорӣ: услуби ҳуҷҷатҳои расмӣ, услуби ҳуҷҷатҳои идорӣ.<br><br>**Мавзӯи 6. Услуби рӯзноманигорӣ (публитсистӣ)**<br>Услуби публитсистӣ ҳамчун навъи махсуси услуби забони адабии тоҷик. Вазифаҳои асосии услуби публитсистӣ. Махсусиятҳои забонии услуби публитсистӣ. Суръати баланди истифодаи воситаҳои муассир ва шахшуда дар услуби публитсистӣ. Истеъмоли луғат на таъбироти пуробуранг; калима ва ифодаҳои махсус; вожаҳо, маъноҳо ва ибораҳои нав; маҷозоти ба худ хос дар услуби публитсистӣ. Воситаҳои ифодаи муассир ва образнок дар ин услуб. Истифодаи услубии воситаҳои морфологи дар ин услуб. Махсусиятҳои истифодаи воситаҳои наҳвӣ. Мақоми услуби публитсистӣ дар радифи услубҳои дигари забони адабӣ. Таъсири услубҳои дигар ба услуби публитсистӣ. Афзалият ва нуқсонҳои чунин таъсир. Мақоми публитсисгика дар ташаккули майлҳои услубии адибони ҷудогона ва меъёрҳои забони адабӣ.<br><br>**Мавзӯи 7. Воситаҳои услубии савтиву луғавӣ**<br>Мақоми услубии ташкили овозии нутқ. Басомади овозҳо дар нутқи тоҷикӣ ва хосиятҳои азалии услубии онҳо. Ҳамнишинии овозҳо ва ифодаи фасеҳу дақиқи мақсад. Ҳамнишинии овозҳои садоноку ҳамсадо ва тавлиди таркибу занҷирҳои овозии гӯшнавоз, гуворо ва пурэҳсосот. Мафҳуми ҳамоҳангии овозҳо дар нутқи равон. Ҳамоҳангии калимаву таъбироти ҳамовоз, ҳамқофия ва мусаҷҷаъ дар нутқи манзум ва мансури бадеӣ.<br>Ифодаи маъноҳои мухталифи услубӣ дар мундариҷаи калимаҳои ҷудогона. Вобаста ба ифодаи маъноҳои услубӣ ба қабатҳои алоҳида гурӯҳбандӣ шудани калимаҳои забони тоҷикӣ: калимаҳои умумиистеъмолӣ, китобӣ, гуфтугӯӣ. Нишонаҳои фарққунандаи ин гурӯҳҳои калимаҳо. Гурӯҳҳои калимаҳо аз бобати ифодаи обуранг ва эҳсосот: калимаҳои мӯътадилоҳанг, пуробуранг ва аз обуранг маҳрум; калимаҳои услуби баланд ва услуби пасти нутқ. Калимаҳои забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои ҳамнишинии онҳо. Ҳамнишиниҳои озод ва устувори калима. Санъати нигориш ва гуфтор, интихоби калимаи мақбул аз анбӯҳи калимаҳо дар мавриди нигориш ва гуфтор. Раванди эҷоди зеҳнӣ ва ҷустуҷӯи вожаи ба мақсад мувофиқ.<br><br>**Мавзӯи 8. Воситаҳои услубии сарфӣ ва наҳвӣ**<br>Воситаҳои сарфии шаклсози умумиистеъмол. Махсуси забони китобӣ ва ё забони шифоҳии адабӣ. Синонимияи воситаҳои морфологии шаклҳову категорияҳои дастурии калимаҳову таъбирот. Синонимияи ифодаи шаклҳои ҷамъ, соҳибият, муайянӣ дар исмҳо; дараҷаҳо, ифодаи камиву зиёдӣ дар сифатҳо; гурӯҳҳои ҷонишинҳо; категорияву гурӯҳҳои феъл ва монанди инҳо. Имкониятҳои калимасозӣ ва таъбирсозии забони адабии тоҷик. Тақсимбандии услубии ин имкониятҳо: қолабҳои калимасоз ва таъбирсози умумистеъмол, хоси фақат забони китобӣ ва ё хоси забони шифоҳӣ. Синонимияи усулҳои калимасозӣ ва воситаҳои морфологии системаи забон, ки дар созмондиҳии ин ё он навъи калимаи сохта ва ё мураккаб ба кор бурда мешавад.<br>Махсусияти қолабҳои синтаксисии умумиистеъмол, услубҳои хаттиву |

| | |
|---|---|
| | китобӣ ва шифоҳии забони адабӣ. Имкониятҳои услубии синтаксис. Мақоми услубии воситаҳои синтаксии нутқи робитанок. Тартиби калима, пешояндҳо, пасояндҳо, воситаҳои ҳамнисбат, шаклҳои феълӣ ва вазифаҳои услубии онҳо. Синонимияи ибораҳо, ҷумлаҳои содда ва ҷумлаҳои мураккаб. Маънои асосӣ ва маънохои иловагӣ дар ҷумлаҳои пайрав. Ҳаммаъногии ҷумлаҳои пайрави мухталиф аз рӯи маънохои иловагиашон. Синонимияи ҷумлаҳои пайрав бо ибораҳо.<br>Ибора ва калимаю таркибҳои алоқаманд. Саҳми иборот дар созиши ҷумла. Таносуби маънохои луғавию грамматикии ҷузъҳо, тарзу воситаҳои тафсил ёфтани онҳо. Як маънои мукаммалро бо ёрии қолабҳои гуногуни ибора ифода кардан. Тағйирот дар ҷузъҳои калима.<br>**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**<br>Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:<br>1. Корбасти омоним, синонимҳо ва антонимҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ<br>2. Корбасти калимаҳои вомӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар асарҳои Ҷалол Икромӣ<br>3. Калимаҳои таърихӣ ва кӯҳна ва вазифаи услубии онҳо дар матн<br>4. Вариантнокии қолабҳои калимасоз ва таъбирсоз ва махсусиятҳои услубии онҳо<br>5. Гурӯҳҳои лексикӣ-семантикии калимаҳо дар осори бадеӣ<br>6. Воситаҳои тасвири бадеъ дар шеъри тоҷик<br>7. Воситаҳои услубии савтиву аксентологӣ<br>8. Воситаҳои услубии луғавӣ<br>9. Воситаҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ<br>10. Воситаҳои услубии сарфӣ. Синонимияи усулҳои калимасозӣ ва воситаҳои морфологии системаи забон<br>11. Воситаҳои услубии наҳвӣ. Хусусияти услубии ибораҳо<br>12. Махсусияти нутқи равшан дар шохаҳои мухталифи услубҳои нутқ<br>13. Тавзеҳи кӯтоҳбаёнӣ чун яке аз шартҳои балоғати нутқ<br>14. Услубҳои забон ва нутқ ҳамчун сохтори забон ва нутқи мадании соҳибони забон.<br>15. Воситаҳои тасвири бадеӣ чун воситаи муассир дар нутқи фасеҳ<br>16. Услуб ва навъҳои он дар нутқи маданӣ<br>17. Дороӣ ва рангорангии нутқ чун яке аз умдатарин сифатҳои иртиботи нутқ<br>18. Масъалаи имло ва ҳусни сухан<br>19. Нақши луғат дар услуби бадеӣ<br>20. Роли аҳли қалам дар танзими забони адабӣ. Муборизаи С.Айнӣ дар роҳи муҳофизати ин забон<br>Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок |

<table>
<tr><td></td><td>истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br><br>IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Фикри забоншиносони ватанӣ ва ҷаҳонӣ дар бобати тақсими услубҳо<br>2. Захираи услубии забони тоҷикӣ: лексика, морфология ва синтаксис<br>3. Бо нишондодҳои илмӣ пешниҳод намудани мақола<br>4. Навиштани ариза, забонхат ва таклифнома<br>5. Навиштани хабар ва мақолоти хоси газетаву журналҳо<br>6. Корбасти омоним, синонимҳо ва антонимҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ<br>7. Корбасти калимаҳои вомӣ дар асарҳои Ҷалол Икромӣ<br>8. Зарбулмасалу мақолҳо ва корбурди онҳо дар “Ёддоштҳо”<br>9. Калимаҳои таърихӣ ва кӯҳна ва вазифаи услубии онҳо дар матн<br>10. Вариантнокии қолабҳои калимасоз ва таъбирсоз ва махсусиятҳои услубии онҳо<br>11. Корбасти калимаҳои сермаъно дар хусусияти услубии онҳо<br>12. Гурӯҳҳои лексикӣ-семантикии калимаҳо дар осори бадеӣ<br>13. Воситаҳои тасвири бадеъ дар шеъри тоҷик<br>14. Системанокӣ ва муносибати байни услубҳои нутқи китобӣ ва шифоҳӣ<br>15. Меъёри адабӣ ва муаммои пайдоиши қаринаҳо.<br>16. Ташдиди ҳамсадоҳо.<br>17. Қаринаҳо ё дар боби исмҳои муайян ва номуайян, нуқсонҳо дар корбастӣ онҳо;<br>18. Дар боби ҷонишинҳо чи гуна қаринаҳо мавҷуд ва ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ дар ин соҳа.<br>19. Тавзеҳи кӯтоҳбаёнӣ чун яке аз шартҳои балоғати нутқ.<br>20. Мушоҳидаи услуби нигориши асарҳои бадей (дар асоси осори С.Айнӣ, С.Улуғзода, Ф.Муҳаммадиев, Ҷ.Икромӣ ва дигарон).<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад.</td></tr>
<tr><td>3</td><td>V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• Дар заминаи баррасии осори адабӣ ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти мутахассисони соҳаи забон ва адабиёт ба ташаккули шахсияти баркамоли накӯахлоқи фасеҳбаёну соҳибсалиқаро аз худ намуда, муаммоҳои асосии услубиёти забони тоҷикиро ба таърихи забону адабиёти классикӣ вобаста карда ба донишҷӯён расонидан ва тасаввуроти муайян пайдо кунонидан;<br>• оиди қонуниятҳои пайдоишу инкишоф, омӯхтани тарзи истифодаи босаводонаю ба мақсад мувофиқи воситаҳои забон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, дар услубҳои гуногун нишон додани роҳҳои асосии нигориш, мувофиқ омадани услуби баён бо меъёри забони адабӣ маълумоти назарӣ дошта бошад;<br>• донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, ба толибилмон дар</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| | вазиятҳои гуногун ба тарзи мувофиқ истифода кардан ва забону услубро омӯхтан аз ҷумла ривоҷ додани таркиби луғавӣ ва қалами нигоришу каломи баёни донишҷӯ ва онро *дар амал тадбиқ карда тавонад;*<br>• омода шудан ба навишти ариза, таклифнома, тавсиянома ва хабару ҳикояҳои рӯзноманигорӣ дар ҷараёни таълими асосҳои услубшиносӣ ва таҳрир, ҳамеша бо газетаву журналҳо ва васоити ахбори оммавӣ ошно будан ва забони миллӣ, забони адабӣ ва шеваву лаҳҷаҳоро бомаврид истифода намудан. бо тадқиқоти илмии дар бораи услуби нигориши мавриди назар комилан ошной доштан ва дар фаъолияти касбй аз онҳо самаранок истифода намудан; ва дар бораи тадқиқи забони адабй бо меъёр *малака ҳосил намояд*;<br>• бо ҳама намудҳои услубиёти забони тоҷикӣ қалам зада тавонистан ва таҳрир намудани хабару ҳикоявҳо ва маълумоти кофӣ ҳосил намуда аз онҳо баҳра бардошта тавонистанаш ба *таҷрибаҳо соҳиб шуданаш лозим аст*. |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маъруза<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (сӯҳбат, мушоҳида, мунозира, нутқ кардан, мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабҳо ба кредит гирифтан:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиёти асосӣ ва васоити таълимӣ**<br>1. Бабаева Д.Р. Нутқ ўстириш назарияси ва методикаси. Ўқув қўлланма. -Тошкент, 2017.<br>2. Давронова М., Маҷидова С. Услубшиносӣ. – Самарқанд: 2017.-148 с.<br>3. Каримов С. Узбек тилининг бадиий услуби. - Самарқанд. «Зарафшон». 1992.-139 б.<br>4. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2013. -321 с.<br>5. М.Асқарова, С.Матжонов ва б. Кичик ёшдаги болалар нутқини ўстириш. Т.: Ўзбекистон, 2001. -160 б.<br>**Адабиёти иловагӣ**<br>1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми М.Турсунзода. – Душанбе: Дониш,1988.-125 с.<br>2. Бандалетов В.Д., Вартапетова С.С., Кушлина Э.Н., Леонова Н.А. Стилистика русского языка. – Л.: Просвещение. -1982.<br>3. Виноградов В.В. Проблемы русской стилистики. – М.: Высшая школа, 1981. - 320 с. |

| | |
|---|---|
| | 1981. - 320 с.<br>4.Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. -116 с.<br>5.Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: «Маориф», 1992.-126 с.<br>6. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе: «Маориф» , 1989. -117 с.<br>7.Қурбонова М.А. Ўзбек болалар нутқи лексикасининг социопсихолингвистик тадқиқи. – Тошкент, 2009.-25 б.<br>8.Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1985.-191 с.<br>9. Ғаффоров Р. Хусусиятҳои услубии ситнонимҳо. – Маърифат.-1990.-№6 с.15-18.<br>10. Муҳаммад Тақии Баҳор. Сабкшиносӣ. – Теҳрон: чопи аввал -1377.<br>11. Чориев Т. Забон ва услуби асарҳои публисистии Садриддин Айнӣ. – Тошканд: Муҳаррир.-2014, 110 с.<br>12. Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф.1991.-160 с.<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>1. http://library.tersu.uz/kitoblar/aralash/Nutq madaniyati asoslari.pdf<br>2. http://library.ziyonet.uz/ru/book/download/100574<br>3. http://n.ziyouz.com/kutubxona/category/147-pedagogika?download=11693:<br>4. www.wekopedia.tj |
| 7 | Дастури фан ____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>**С.Ҷ. Маҷитова** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>**Г.Адашуллоева** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС<br>**Бабаева Д.** - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири** проф.Ж.Ҳамроев

**Кенгаш раиси** проф.А.Пардаев

**Тасдиқлайман**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича**
**проректор: ______________А.С.Солеев**

**“24” Август 2021 йил**